**ҚАРОРИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ
ШӮРОИ ГЕНЕРАЛИИ
ФЕДЕРАТСИЯИ ИТТИФОҚҲОИ
КАСАБАИ МУСТАҚИЛИ
ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ
ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО КОМИТЕТА
ГЕНЕРАЛЬНОГО
СОВЕТАФЕДЕРАЦИИ
НЕЗАВИСИМЫХ ПРОФСОЮЗОВ
ТАДЖИКИСТАНА**

---

**« 2» ноябри с. 2016**
**№ 19/2**

**« 2» ноября 2016 г.**
**№ 19\2**

ш.Гулистон. Гулистон

«Дар бораи Низомномаи Бозрасии ҳуқуқи
меҳнати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон»

Бо мақсади мутобиқ намудани Низомномаи Бозрасии ҳуқуқи меҳнати Иттифоқҳои касаба ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон, Кумитаи иҷроияи Шӯрои генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1.Санадҳои меъёрии зерини Бозрасии ҳуқуқи меҳнати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд:

- Низомномаи Бозрасии ҳуқуқи меҳнати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон (замимаи №1);
- Санад дар бораи риоя нагардидани қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатӣ дошта (замимаи №2);
- Амрнома дар бораи бартараф намудани қонуншиканиҳои ошкоршуда вобаста ба риоя нагардидани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатдошта (замимаи №3);
- Дархост дар бораи ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахсоне, ки талаботи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатдоштаро вайрон намудаанд (замимаи №4);
- Ҳисоботи фаъолияти Сарнозири (нозири) ҳуқуқи меҳнат (замимаи № 5), тасдиқ карда шавад;
- Шакли шаҳодатномаи Сарнозири (нозири) ҳуқуқи меҳнат (замимаи№ 6).

2. Қарори мазкур, Низомнома ва дигар аснодҳои тасдиқгардида ба Дастгоҳи Федератсия, ташкилотҳои ҳамузви Федератсия ва сохторҳои тобеъи онҳо барои роҳбарӣ ва истифода дар кор фиристода шавад.
3. Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҳамузви он дастгоҳи иҷроияи хешро бо нозирони ҳуқуқи меҳнат ( сарнозирон) таъмин намуда, ҷиҳати фаъолияти муътадили онҳо чораҳои мушаххас андешанд.
4. Қарорҳои Кумитаи иҷроияи Шӯрои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, № 13/7 «Дар бораи Низомномаи Бозрасии ҳуқуқи меҳнати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон» ва аз 03 феврали соли 2012, № 17/7 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарорҳои Комиҷроияи Шӯрои генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011,№ 13/6, №13/7, Низомномаи Бозрасии ҳуқуқи меҳнати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон» ва Низомномаи Бозрасии меҳнати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

5.Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Муовини Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (Файзизода И.Н.), мудири шӯъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия Алӣ И.С. ва роҳбарони ташкилотҳои ҳамузви Федератсия гузошта шавад.

Муовини якуми раиси Федератсияи
Иттифоқҳои касабаи мустақили
Тоҷикистон И.З. Шарифзода